№9817/9.1 аз 24.06.2019

Мақомоти ҳудудии андоз

«Оид ба пешниҳоди эъломияи
андоз аз даромади хизматчиёнии давлатӣ»

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, сарфа намудани вақти шаҳрвандон ва андозсупорандагон тибқи муқаррароти моддаи 51 Кодекси андоз ва «Тартиби пешниҳоди ҳисоботҳои андоз дар шакли электронӣ», ки бо Фармоиши Кумитаи андоз аз 26.01.2013, №2-Ф тасдиқ карда шудааст, барномаи компютерии ба тариқи электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз аз даромади хизматчиёни давлатиро бо истифода аз "Утоқи шахсии андозсупоранда" таҳия ва ба роҳ мондааст.

Тибқи талаботи моддаи 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.08.2005 № 289 хизматчии давлатӣ ӯҳдадор аст, ки ҳар сол на дертар аз 1 апрели баъди соли ҳисоботӣ ва шаҳрванд ҳангоми қабул шудан ба хизмати давлатӣ ба мақомоти андози маҳалли зист эъломия оид ба андоз аз даромад ва ба мақоми давлатии ҷойи кор агар корманди кироя бошад эъломия оид ба вазъи молу мулкро пешниҳод намоянд.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии номбаршуда муқаррар намудааст, ки пешниҳод накардани эъломияҳо ё дар онҳо нишон додани маълумотҳои нодуруст барои аз хизмати давлатӣ озод намудани хизматчии давлатӣ ва ба хизмати давлатӣ қабул нагардидани шаҳрванд асос шуда метавонанд.

Инчунин, тибқи талаботи қисми 4 моддаи 156 Кодекси андоз мӯҳлати пешниҳоди (қабули) эъломия оид ба андоз аз даромад то 1 апрели баъди соли ҳисоботӣ муқаррар карда шуда, дар банди 2 қарори мазкур мӯҳлати пешниҳоди эъломияи мазкур барои шаҳрвандон ҳангоми дохил шудан ба хизмати давлатӣ пешбинӣ шудааст.

Бинобар ин, хизматчиёни давлатӣ ва шаҳрвандон ҳангоми қабул

шудан ба хизмати давлатӣ метавонанд эъломия оид ба андози даромадро дар шакли электронӣ ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд.

Дар баробари ин, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешавад, ки ҷиҳати бақайдгирии хизматчиёни давлатӣ барои ба тариқи электронӣ пешниҳод намудани эъломия оид ба андози даромад, аз хизматчиёни давлатӣ дар мӯҳлати муайяншуда то 1 апрели баъди соли ҳисоботӣ ва аз шаҳрвандон ҳангоми дохил шудан ба хизмати давлатӣ дар давоми соли тақвимӣ чораҷӯӣ намоянд.

Мактуби дастурии Кумитаи андоз аз 04.02.2014, №1135/4.1 беэътибор дониста шавад.

Раис Н. Давлатзода